**ТАСДИҚ МЕКУНАМ**

Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф., профессор

_____________ Д.Н. Маҳмадизода

«02» октябри соли 2024

**ХУЛОСАИ**

Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз «30» сентябри соли 2024

Диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзӯи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ дар Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шудааст.

Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович солҳи 2011 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айниро бо ихтисоси «таърих» хатм намудааст. Аз моҳи апрели соли 2024 ба ҳайси муовини директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон кор менамояд. Аз соли 2015 унвонҷӯи Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Аз тарафи унвонҷӯ имтиҳонҳои зерини номзадӣ супорида шудааст:

- забони хориҷӣ (англисӣ) ба баҳои «хуб» 27 декабри соли 2016;

- таърих ва фалсафаи илм ба баҳои «хуб» 29 июни соли 2017;
- сиёсатшиносии умумӣ ба баҳои «хуб» 21 ноябри соли 2017;
- имтиҳон аз руйи ихтисосӣ - 23.00.02 ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ ба баҳои «аъло» 04 июни соли 2024;

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ № 1204 аз 14 июни соли 2024 аз тарафи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Ҳайдарзода Р.Ҷ. - доктори илмҳои фалсафа, профессор.

Диссертатсияи унвонҷӯ Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар маҷлиси Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Дар муҳокима иштирок доштанд: Маҳмадизода Н.Д. - доктори илмҳои фалсафа, профессор, Зиёӣ Х.М. - доктори илмҳои фалсафа, профессор, Муҳаммад А.Н. - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, Хидирзода М.У. - доктори илмҳои фалсафа, профессор, Саидов А.С. - доктори илмҳои фалсафа, профессор, Назар М.А. - доктори илмҳои фалсафа, дотсент, Ҳакимов Р.М. - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Сафарализода Х.Қ. - номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Муродов С.А. - номзади илмҳои сиёсӣ, Ким В.М. - ходими хурди илмии Шуъбаи сиёсатшиносӣ, Саримсаков И.Қ. - ходими хурди илмии Шуъбаи сиёсатшиносӣ, Раҳимова Ш.А. лобаранти калони Шуъбаи сиёсатшиносӣ ва Хоҷаев Ҳ.Ҳ. - унвонҷӯй.

**Аз рӯйи натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулоса қабул карда шудааст:**

Диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзӯи «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон)» таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмиест, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

Дар асри XXI тундгароии динӣ ба яке аз масъалаҳои ҳалталаби замони муосир табдил ёфта, баррасӣ ва ҷустуҷӯйи роҳу воситаҳои паст намудани шиддати иртиҷоии он дар сиёсат ва робитаҳои байналмилалӣ мавқеи намоёнро ишғол намудааст. Тундгароии динӣ яке аз ҷиддитарин таҳдид ба тамаддуни муосири ҷаҳонӣ буда, бештар аз ҳама ба субот ва рушди мусолиҳатомези ҷомеаи башарӣ хатари бузург ворид месозад. Ин падидаи номатлуб маъмулан дар шакли амалҳои ифротии тахрибомези иҷтимоӣ зоҳир шуда, ба амнияти давлат ва рушди босуботи ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Тундгароии динӣ бо тахриби бевоситаи объектҳо ва арзишҳои анъанавӣ ва иҷтимоӣ, бо қатлу куштор ва террор, ки барои тундгароён шакли асосии татбиқи барномаи идеологии онҳо мебошад, алоқаманд аст. Таъсири идеологияи он боиси таҳрифи ҷаҳонбинии инсон ва ҷомеа, инчунин нуқси ҷиддӣ ва инҳирофи равонии ӯ гардида, гурӯҳи калони одамонро ба доми худ андохта, ба арзишҳо, афкор, ҷаҳонбинӣ ва шуури онҳо таъсири ҳамаҷониба мерасонад ва онҳоро ба гурӯҳҳои хушунатомез ва ифротӣ табдил медиҳад. Аксаран ниқоби динӣ ҳамчун як зоҳир ва рӯйпӯши муносибе барои тундгароёни динӣ ва терроризми байналмилалӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои ғаразноки онҳо хидмат менамояд.

Дар раванди муосири ҷаҳонишавӣ глобалӣ тундгароии динӣ ва муқобилият бар зиди он натанҳо барои давлатҳои алоҳида, балки барои тамоми ҷомеаи башарӣ яке аз масъалаҳои доғи рӯз ва мушкил маҳсуб меёбад. Микёс ва ҷугрофияи амалҳои террористӣ тайи солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки тундгароён ва террористон моҳият ва шаклу муҳтавои фаолияти худро тағйир дода, ба як падидаи глобалӣ табдил ёфтаанд.

Имрӯз зарурати он расидааст,ки бояд аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони сиёсатшинос моҳият ва сохтори шаклҳои муосири зуҳури тундгароии динӣ ба таври возеҳ ва мушаххас омухта шуда, роҳу усулҳои

муносиби муқобилият, механизмҳои пешгирӣ ва поён овардани шиддати таъсири он дар ҷомеа тарҳрезӣ гарданд. Дар иртибот ба гуфтаҳои боло имрӯз зарурати он расидааст, ки дар масъалаи омӯзиши ифротгарои ба омилҳои зерин таваҷҷӯҳи хоса зоҳир гардад:

Аввал, моҳият, микёс ва эътибори рӯзафзуни тундгароии динӣ, ки бевосита бо хушунати иҷтимоӣ алоқаманд мебошад, аз нигоҳи илмҳои гуногун, аз он ҷумла сиёсатшиносӣ муайян карда шавад. Зеро дар баъзе минтақаҳои ҷаҳон гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ тахти таъсири идиология ва ақидаҳои тундгароёни динӣ қарор гирифта, хоссатан ҷавонони бе таҷриба ва эҳсосотӣ, ки дар ҷӯстуҷӯи адолати иҷтимоӣ қарор доранд фирефтаи устураҳои хаёлии онҳо мегарданд. Ҷои таассуф аст, ки шиддати афзоиши тундгароии динӣ дар сатҳи минтақаҳои мухталиф ва дар маҷмӯъ дар сатҳи ҷаҳони муосир онро ба яке аз проблемаҳои глобалии табдил додааст;

Дуввум, ифротгароии динӣ дар ҷомеъаи муосир ба андозае афзоиш ёфтааст, ки он дар афкори иҷтимоӣ истисноан бо экстремизм ва баъзе шаклҳои он айният дода мешавад. Сарфи назар аз мансубият ба табақоти иҷтимоӣ, миқдори ҳар чи бештари одамон, ҷонибдори ифротгароии динӣ мегарданд. Ин раванд махсусан, барои ҷавонони муоссир шакли хос гирифтааст;

Севвум, бояд дар назар дошт, ки гуногуншаклии тундгароӣ ва таркибу сохтори он ба масалъаи пинҳонкорӣ ва динамикӣ алоқамандии зич дорад. Чунин хусусияти ин падида тақозои онро дорад, ки бар асоси талаботи таҳқиқотҳои муоссири илмӣ – системавӣ моҳияти он амиқан аз нигоҳи илмҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ байналмилалӣ, равоншиносӣ, диншиносӣ, фалсафа ва сиёсатшиносӣ мавридӣ омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки хусусияти сиёсӣ пайдо кардани дин ва зуҳуроти ифротгароии динӣ боиси ташаккул ёфтани рӯҳия ва ҷаҳонфаҳмии тундгароии ҷавононро ба вуҷуд оварда, дар раванди таҳкими низоми давлатдории миллӣ таҳдиду хатарҳои навро эҷод

менамояд. Махсусан, ҷавонони Тоҷикистон, ки қишри осебпазири ҷомеа буда, бештар аз дигар табақаҳои иҷтимоӣ зери таъсири ғояҳои ифротгароёнаи динии гуруҳҳои тундгаро қарор гирифтаанд, бояд қуваву неру ва амалҳои онҳо ба муқобили манфиатҳои миллӣ ва суботи сиёсии кишвар равона гарданд. Дар робита ба ин, омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи зуҳури тундгароии динӣ, сабабҳои пайдоиш ва ҷустуҷӯи роҳу воситаҳои муқовимат бо он талаботи рӯзмара ба шумор меравад.

Мубрамияти мавзуъ боз дар он зоҳир мегардад,ки яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеъаи Тоҷикистон боло бурдани маърифати сиёсӣ ва худшиносии миллии ҷавонон ҳамчун омили боздорандаи тундгароии динӣ ба шумор хоҳад рафт.

Фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ, тарҳи эҳтимолии тундгароии динӣ ва паҳншавии онро дар минтақа нишон дода, пешбинӣ менамояд, ки тундгароии динӣ дар маҷмуъ метавонад ба низоми умумии амнияти тамоми кишварҳои минтақа таъсири манфӣ расонад. Ба ҳамин сабаб, аз нигоҳи мо механизми муассири муқовимат ба тундгароии динӣ ҳамкории мутақобилан судманди мақомоти салоҳиятдори кишварҳои минтақаи мазкур дар полоиши (филтратсияи) захираҳои иттилоотӣ маҳсуб мегардад. Дар амал татбиқ намудани иқдоми мазкур хеле бамаврид ва зарур мебошад, зеро равандӣ ҷаҳонишавӣ на танҳо имконоти васеъро барои ҷараёнҳои иттилоотӣ ва рушду тараққиёти инсоният ба бор овардааст, балки сабаби зуҳур ва пайдоиши таҳдиду хатарҳои сифатан нави глобалӣ низ гардидааст. Чунон чи, дар солҳои охир бо пешрафти техника ва техналогияи муоссир нақши шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳн кардани ғояҳои тундгароии динӣ дар сатҳи байналмилалӣ хеле тақвият ёфта, боиси паҳн гаштан ва шиддат гирифтани таълимоти ин ҷараёнҳо дар ҷомеаи навин гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз инҳо иборат аст:**

– бори аввал дар илми сиёсатшиносӣ ватанӣ таъсири идеологияи тундгароии динӣ ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ба таври маҷмӯӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

– моҳияти мафҳуми «тундгароии динӣ» баррасӣ гардида, дар заминаи он сарчашмаҳои идеявӣ, стратегия ва тактикаи тундгароии динӣ таҳққиқ шудааст;

– заминаҳои иҷтимоӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ – фарҳангӣ ва ҷаҳонбинии густариши тундгароии динӣ таҳлил гардида, омилҳои сар задани ин падидаи манфӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик нишон дода шудааст;

– раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги сиёсию ҳуқуқии ҷавонони муосири Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми он дар давраи ҷаҳонишавӣ баррасӣ гардидааст;

– роҳу воситаҳои баланд бардоштани маърифатнокии сиёсии ҷавонон таҳлилу таҳкик гардида, омилҳои муассири муқовимат ба тундгароии динӣ нишон дода шудаанд;

- накши Шабакаҳои иҷтимоӣ дар паҳнкунии ғояҳои тундгароии динӣ баррасӣ шуда, оид ба муқовимат ва паҳншавии ақидаҳои тундгароӣ тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд.

- нақши афкор ва арзишҳои миллӣ дар раванди мубориза бо гурӯҳҳои тундгарои динӣ муайян карда шудааст.

**Мукаррароти асосии таҳқиқот, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд.**

1. Появу бунёди тундгароии динӣ аз даврони кӯҳан оғоз ёфта, то пайдоиши ин истилоҳ дар шаклҳои мухталиф вуҷуд дошт. Тундгароии динӣ аз нигоҳи таърихӣ дар доираи сохтори зерин рушд ёфтааст: аз террори инфиродӣ ба гурӯҳӣ – локалӣ ва оммавӣ. Барои терроризми муосир хушунати бештари оммавӣ хос мебошад.

Терроризми муосир дар пайвастагӣ он бо таълимоти исломи тундгаро, шакли терроризми қавмӣ ва гуруҳҳӣ ба шумор рафта, аз ҷониби сохторҳои мушобеҳи байналмилалӣ дастгирӣ меёбад. Дар адабиёти муосири фалсафӣ, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқшиносӣ, диншиносӣ ва

равоншиноси шарҳу тафсири мухталифи “тундгароии динӣ” вуҷуд дорад.

Моҳияти тундгароии динӣ аз истифодаи фаъоли тарсу зӯроварӣ ба максади маҷбур кардани одамон дар доираи манфиатҳои бунёдгароёни динӣ ифода ёфта, зулму таҳдид моҳияти табиӣ ва маънои асосии онро ташкил медиҳад.

2. Дарку фаҳм ва муайян сохтани моҳияти тундгароӣ яке аз муҳимтарин мушкилоти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаи муосир ба шумор меравад.Воситаи асосӣ мукобилият бо тундгароии динӣ дар замони мо аз байн бурдани омилҳо ва шароити зуҳуру ташаккули он мебошад. Дар иртибот ба ин аз нигоҳи мо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи “Консепсияи пешгирии тундгароӣ” талаботи замон ба шумор меравад.

Тундгароии динӣ  дар иртибот ба дини ислом дар асри XX1 ва майлони ҷарайёнҳои динӣ  ба сӯйи ифротгароӣ ва терроризм решаҳои амики таърихӣ, идеявӣ ва ҷаҳонбинӣ дорад. Дар доираи рукнҳои асосии дини ислом мисоли равшани он ҷонибдори аз доктринаи ҷанги мукаддас, яъне “Ҷиҳод” ба шумор рафта, ки аз тарафи пайравони бунёдгарои исломӣ барои дастёб шудан ба ҳадафҳои динӣ – сиёсии худ истифода бурда мешавад.

Тундгароии динӣ падидаи манфии иҷтимоӣ-сиёсӣ буда, амалҳои он ба бесуботии ҳаёти ҷомеа равона гардидааст,ки окибат ба таназзули ҳаёти иҷтимоӣ, иктисодӣ ва сиёсии кишварҳои мухталиф мебарад. Зуҳури ин падидаи номатлуб дар ҷомеа дорои сабабҳои иктисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, равонӣ, акидатӣ, маънавӣ ва ғайра мебошад.

3. Комилан равшан аст, ки фарҳанги ҳукукӣ-сиёсӣ ҳамчун падидаи ҳаёти маънавии инсон ба ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ таъсири муҳим расонида, дар доираи он ба сатҳи камолоти сиёсии аъзои ҷомеа баҳо медиҳад. Зимни рушди рӯзафзуни таърихи сиёсии ҷомеа, на танҳо ташаккул ва рушди давлат, тағйирёбӣ ва тасдики

шаклҳои мухталифи сохтору идоракунии он ва низоми сиёсӣ, балки рушди субъектҳои иҷтимоӣ низ дар назар дошта мешаванд.

Ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонони муосири тоҷик дар раванди ҷаҳонишавӣ бо шаклҳои мухталифи сотсиализатсияи сиёсӣ робитаи наздик дорад. Маънои омӯзиши фарҳанги сиёсӣ ва шаклҳои намудҳои сотсиализатсияи сиёсӣ ин қабл аз ҳама муайян кардани механизмҳои таҳкими суботи низоми сиёсӣ, муқаррар кардани мутобиқат ва ё ихтилофи фарҳанги сиёсии ҷомеа ва таҷрибаи зарури сиёсӣ ба шумор меравад. Дар натиҷаи ноил шудан ба намунаи зарурии раванди сотсиализатсияи сиёсии ҷавонон метавон дар бораи муқовимати бобарор ва ё бебарор бо радикализми динӣ ва ифротгароӣ дар ҷомеа сухан гуфт.

4. Қобил ба зикр аст,ки ҳангоми таҳлилилу барасии омилҳои асоси зуҳури тундгароии динӣ, муаян кардани субъект ва объекти он низ аҳаммияти муҳим дорад. Ҳамчун мисол метавон аз таҷрибаи давлатҳои дорои идеологияи динӣ – экстремистӣ, созмонҳои байналмилалии экстремистӣ, ҷараёнҳои сиёсӣ ва аҳзоби экстремистӣ, гурӯҳи шаҳрвандон ва шахсони алоҳида овард. Ҳамчун объекти тундгароии динӣ метавонанд шахсони алоҳида (роҳбарони сиёсӣ, динӣ ва ашхоси алоҳида), гурӯҳи ашхосе, ки ба ҷараён ва ё мазҳаби муаяни динӣ, халқ ва ё қавм, низоми ҷамъиятӣ ва ғайра мансуб мебошанд.

5. Дар пешрафти ҳар ҷомеа нақши шахсиятҳои барҷаста ва машҳур хеле баланд буда, афкори онҳо ба интихоби масири рушди ҷомеа ва давлатдорӣ таъсири амиқ мерасонанд. Дар таърихи давлатдории навини тоҷикон ва дар рушди модели давлатдории миллии мо маҳз андешаҳои сиёсии Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши калидӣ дошта, Паёмҳои вай ба Парлумон ва миллати тоҷик дар даврони давлатдории муосири мо ба сифати дастури роҳнамо хизмат намудаанд. Дар ин асноду ҳуҷҷатҳо бисёр паҳлӯҳои рушди миллат, хусусан қишрҳои

гуногуни ҷавонон арзёбӣ гардида, онҳо ба сарчашмаи маърифати мардум табдил ёфтаанд. Дар амал татбиқ намудани Паёмҳои Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон метавонанд, ки ҳар як шаҳрванди ҷавонро ба қуллаҳои баланди камолот роҳнамоӣ созад. Ҳамзамон ин Паёмҳо метавонанд ҳамчун дастури методологӣ барои муқовимат бо идеологияи тундгароии динӣ истифода бурда шаванд.

6. Шахсоне ки ба равияҳои тундгароии динӣ рӯй меоваранд, аслан шахсиятҳои манқурт ва бедонишу маърифат буда, аз фарҳанги миллӣ ва ҳувияту худшиносии мардуми худро ба фарсаххо дур мебошанд. Аз ин рӯ, таҳкими мақоми худшиносӣ ва ҳувияти миллии ҷавони тоҷик, имкон медиҳад идеологияиии ифротгароии динӣ ба афкори ҷомеа ба маротиб камтар таъсир гузор бошад. Чунки афкор ва арзишҳои миллӣ дар раванди мубориза бо гурӯҳҳои тундгарои динӣ метавонанд ҳамчун як абзори муҳим истифода бурда шаванд.

**Аҳаммияти илмию амалии рисолаи диссертатсионӣ.** Аҳаммияти илмӣ – амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки моҳияти тундгароии динӣ маҷмуан (комплексӣ) муайян карда шуда, заминаҳои идеологӣ, ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоӣ – фарҳангии он ошкор гардидааст. Мазмуну муҳтавои амали сиёсии он дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон равшан шуда, асосу бунёди назариявӣ сабабҳои зуҳури тунгароии динӣ метавонад дар таҳққиқотҳои минбаъда оид ба ин падидаи манфӣ истифода бурда шавад.

Маводи диссертатсия метавонад дар таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, ҳамчунин дар курсҳои махсус оид ба фанҳои сиёсатшиносӣ, исломшиносӣ, диншиносӣ, этносиёсӣ, равоншиносии (психологияи) ҳуқуқӣ, низоъшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ ва ғайраҳо мавриди истифода қарор гиранд. Маводи диссертатсия ҳамчунин метавонад дар фаъолияти кормандони оперативии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва тартиботи ҷомеа ва сохторҳои қудратӣ, истифода гардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад, ба сифати маводи таълимӣ барои шунавандагону донишомӯзони мактабҳои олӣ ва омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, кумитаҳо ва

хадамоти амнияти миллӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таълимии олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад.

Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар хафт мақолаи илмӣ ва якта конфренсияи байналмилалӣ муаллиф чоп гардидаанд.

Мазмуни асосии тадқиқоти диссертиатсионӣ дар мақолаҳои зерини муаллиф баён шудааст:

[1-М]. Хоҷаев Ҳ.Ҳ. Тағйирёбии маданияти сиёсӣ: модели назариявӣ ва аҳамияти амалӣ [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2015. – № 3 (46). – С. 27-36. ISSN 2075-9584.

[2-М]. Хоҷаев Ҳ.Ҳ. Проблемаи ифротгароӣ дар ҷомеаҳои муосири давлатҳои Осиёи Марказӣ [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №1. – С.82-85. ISSN 0235-005X.

[3-М]. Хоҷаев Ҳ. Ҳ. Вазъияти геополитикӣ дар минтақа ва таъсири он ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №3. – С. 103-106. ISSN 0235-005X.

[4-М]. Хоҷаев Ҳ.Ҳ. Таҳдидҳои нав ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон: тамоюлот ва дин [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев, А.С. Раҳмонов, Б.Ш. Раҳмонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2017. – № 2 (57). – С.62-71. ISSN 2075-9584

[5-М]. Хоҷаев Ҳ.Ҳ. Терроризм, экстремизм ва амнияти истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Сиёсати ҳимояи ҳуқуқии истиқлолияти Тоҷикистон: маводи конфаронси илмӣ – амалии бахшида ба 25 – умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 18 октябри соли 2017). –Душанбе, 2017. – С.189-193.

[6-М]. Хоҷаев Ҳ. Ҳ. Шаклҳои тундгароӣ дар раванди ҷаҳоншавӣ [Матн] / Ҳ.Ҳ. Хоҷаев // Маҷаллаи илмии Осиё ва Аврупои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – №2. (18). 2024. – С. 80-85. ISSN 2790-7198.

Дар маҷмӯъ, Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзӯи: «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон) пажӯҳиши комилу анҷомёфта мебошад.

Автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқ мебошад.

Истифодаи мавод ва усул, инчунин методологияи таҳқиқоти гузаронидашуда ба ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, татбиқи амалӣ ва тартиби омодасозӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович дар мавзӯи: «Тундгароии динӣ ва паҳншавии он дар шароити тағйирпазирии ҷомеа (таҷрибаи Тоҷикистон) ба ҳимоя барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ тавсия дода мешавад.

Хулоса дар маҷлиси Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 30 сентябри соли 2024 қабул шудааст.

Дар маҷлис 12 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 12 нафар; «муқобил» - нест; «бетараф» - нест. Протоколи № 14 аз 30 сентябри соли 2024.

Мудири Шуъбаи сиёсатшиносии Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон
Номзади илмҳои сиёсӣ ________ **Муродов С.А.**

Котиби ҷаласаи васеи Шуъбаи сиёсатшиносии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон ________ **Рахимова Ш.А.**

Имзои **Муродов С.А.** ва **Рахимова Ш.А.** - ро
тасдиқ мекунам.
Нозири калони Шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон ________ **Абдураҳмонзода Б.А.**